## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**оид ба кори диссертатсионии Ализода Аҳмадҷон Абдуқодир дар мавзӯи «Хусусиятҳои гидрологии истифодаи дарёҳои хурд дар рушди гидроэнергетика (дар мисоли вилояти Хатлони Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия.**

Диссертатсияи **Ализода Аҳмадҷон Абдуқодир «Хусусиятҳои гидрологии истифодаи дарёҳои хурд дар рушди гидроэнергетика (дар мисоли вилояти Хатлони Тоҷикистон»** дар мавзӯи мубрами рушди гидроэенергетикаи Тоҷикистон тавассути истифодаи самараноки иқтидори энергетикии дарёҳои хурду каналҳои ирригатсионии Тоҷикистон, навишта шудааст.

Муаллиф дар асоси ин таҳқиқоти худ ба хулоса омадааст, ки новобаста аз дастовардҳои соҳаи энергетикаи Тоҷикистон дар солҳои охир, масъалаи таъмин намудани деҳот ва умуман соҳаи кишоварзӣ, хусусан мавзеъҳои аҳолинишини дурдаст ва куҳии мамлакат бо энергияи электрикӣ, ба шакли дилхоҳ ҳаллу фасл нагардидааст. Чунин ҳолат вазъиятро дар иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ мураккаб мегардонад ва яке аз роҳҳои муътадил гардонидани ҳолати баамаломада, метавонад бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии хурд (НБОХ, миниНБО, микроНБО) бошад, ки тавассути истифодаи самараноки иқтидори энергетикии дарёҳои хурду каналҳои ирригатсионии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

Бинобар ин, таҳқиқгар Ализода А.А. ба миён омадани заруратеро илман пешниҳод намудааст, ки бо истифода аз усулҳои замонавии таҳлилу амсиласозиҳо ва дар асоси ҳисобкунии нишондиҳандаҳои асосии гидрологии дарёҳо муайян намудани иқтидори дарёҳои хурду каналҳои ирригатсионии Тоҷикистон, сатҳи самаранокии истифодабарии ин иқтидорҳо тавассути сохтмони НБОХ, миниНБО, микроНБО ва саҳми онҳо дар рушди гидроэнергетикаи мамлакат, бояд баррасӣ ва ҳаллу фасл гарданд, чунки муҳлати амали нақшаҳои солҳои пеш тарҳрезишудаи рушди гидроэнергетикаи хурди Тоҷикистон ба поён расидааст.

Дар раванди таҳқиқот Ализода А.А. худро ҳамчун муҳаққиқи боандеша, ташкилотчӣ ва масъулиятшинос нишон дода, мақсаду вазифаҳои худро дақиқ муайян ва мураттаб карда, натиҷаҳои ба дастомадаро таҳлил намуда, роҳҳои бартараф намудани душвориҳои ба миён омадаро мустақилона муайян карда тавонист.

Ализода Аҳмадҷон Абдуқодир соли 1975 факултети «Энергетика»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимиро бо ихтисоси «Таъмини корхонаҳои саноатӣ, шаҳрҳо ва соҳаи кишоварзӣ бо энергияи электрикӣ» хатм кардааст. Айни ҳол ӯ ба фаъолияти педагогӣ машғул буда,

аз соли 2017 то инҷониб дар кафедраи «Нерӯгоҳҳои барқӣ»-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Кори диссертатсионии Ализода А.А. дар сатҳи зарурӣ иҷро гардида, мубрам мебошад ва арзиши илмию амалӣ дорад. Аз рӯи мавзӯи кори диссертатсионӣ 21 корҳои илмӣ ба чоп расидаанд, аз ҷумла 4 кори илмӣ дар нашрияҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 1 кори илмӣ дар нашрияи хориҷӣ. Инчунин, унвонҷӯ 1 дастури методӣ ба нашр расонида, ҳаммуаллифи 1 адад патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтирооти «Усули таъмини устувории занҷироикҳои шиддати баланд аз алвонҷхӯрӣ», патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, № TJ 1296, аз 14 сентябри соли 2022 мебошад.

Саҳми шахсии муаллиф аз интихоби самти таҳқиқот, гузоштани вазифаҳо ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо иборат мебошад. Муаллиф дар муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада, омода сохтани мавод барои чоп бевосита иштирок кардааст. Таҳияи хулосаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар якҷоягӣ бо роҳбари илмӣ гузаронида шудааст.

Хулоса сатҳи баланди назариявӣ ва амалии таҳқиқот, қобилияти унвонҷӯро дар таҳлили сарчашмаҳои иттилооти илмӣ, пешниҳод, асосноккунӣ ва санҷиши фарзияҳои илмӣ ва таҳияи донишҳои нав дар ин замина тасдиқ намуд.

Дар маҷмӯъ рисолаи номзадии Ализода Аҳмадҷон Абдуқодир дар мавзӯи **«Хусусиятҳои гидрологии истифодаи дарёҳои хурд дар рушди гидроэнергетика (дар мисоли вилояти Хатлони Тоҷикистон»** таҳқиқоти мукаммал ва ба анҷом расидаи илмӣ ба ҳисоб рафта, муаллифи кор сифатҳои баланди касбӣ ва маҳорати мустақилона тартиб додан ва ҳал намудани масъалаҳои таҳқиқотиро дар сатҳи муосири илмӣ ва техникӣ нишон додааст.

**Роҳбари илмӣ:**
н.и.т., дотсенти кафедраи "Ҳаракатоварҳои электрикии автоматикунонидашуда ва мошинаҳои электрикӣ"-и
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С.Осимӣ Абдураҳмонов А. Я.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нусратуло Махсум, 85/2, 48, тел.: 918800664, e-mail: **up_energy@mail.ru**

Имзои н.и.т, дотсент Абдураҳмонов А.Я.-ро **тасдиқ мекунам:**

мудири шуъба кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи акад. М.С.Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.